Протоколи № 1
ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-074

6 марти соли 2024 ш.Душанбе

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2023 №161 шд тасдиқгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм ва 2 нафарашон номзадони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода гуфта эълон шавад. Муҳтарам аъзои Шуро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Оид ба қабул ва таъйини комиссияи экспертӣ ба диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи “Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳақназаров Абдуназар дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович ба Шурои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Сайнаков С. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович – автореферат (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсият ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои комиссияи экспертӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи “Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)” барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг (роҳбари илмӣ, доктори илми фалсафа, профессор Умедов Мастон Ҳамдамович) барои экспертиза қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- доктори илмҳои таърих Ҳусайнов А.Қ. – раиси комиссия;
- доктори илмҳои фалсафа Султонзода С.А. – аъзои комиссия;
- номзади илмҳои фарҳангшиносӣ Шомуродов Б.Б. – аъзои комиссия.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳақназаров А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Сайнаков С.П.**